Дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
21 январи соли 2022 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст,
рақами бақайдгирӣ 1122

# ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ФАРМОИШ

Дар бораи Тартиби ташкил ва барҳам додани фаъолияти касбии ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда, гирифтани шаҳодатномаи табиби халқӣ, сертификати мутахассиси тибби халқӣ ва гузаштани таҷрибаомӯзӣ оид ба усули табиби халқӣ
190.010.060.

Мутобиқи моддаи 77, қисми 2 моддаи 79 ва қисми 2 моддаи 80 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" ва банди 10 Низомномаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2014, №148 тасдиқ шудааст,

ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:

1. Тартиби ташкил ва барҳам додани фаъолияти касбии ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда, гирифтани шаҳодатномаи табиби халқӣ, сертификати мутахассиси тибби халқӣ ва гузаштани таҷрибаомӯзӣ оид ба усули табиби халқӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Фармоиши мазкур барои бақайдгирии давлатӣ ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, пас аз бақайдгирии давлатӣ ва интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

3. Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷрои фармоиши мазкурро таъмин намояд.

4. Фармоишҳои вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 феврали соли 2021, №128 "Дар бораи Тартиби ташкил ва барҳам додани фаъолияти касбии ташкилоту муассисаҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон", аз 15 феврали соли 2021, №129 Дар бораи Тартиби таҷрибаомузӣ ва тасдиқ намудани ихтисоси табиби халқӣ" ва фармоиши Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июни соли 2016, №467 "Дар бораи тартиби додани шаҳодатномаи мутахассиси тибби халқӣ", ки дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 22 феврали соли 2016 №152 "а" ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, аз эътибор соқит дониста шаванд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми вазир гузошта шавад.

Вазир Ҷамолиддин Абдуллозода

ш. Душанбе,
аз 24 декабри соли 2021, № 1195

Бо фармоиши
вазири тандурустӣ ва
ҳифзи иҷтимоии аҳолии
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 декабри соли 2021, №1195
тасдиқ шудааст

**ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРҲАМ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ТАШКИЛОТҲО ВА ШАХСОНИ ВОҚЕИИ БА ТИББИ ХАЛҚӢ МАШҒУЛБУДА, ГИРИФТАНИ ШАҲОДАТНОМАИ ТАБИБИ ХАЛҚӢ, СЕРТИФИКАТИ МУТАХАССИСИ ТИББИ ХАЛҚӢ ВА ГУЗАШТАНИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ОИД БА УСУЛИ ТАБИБИ ХАЛҚӢ**

**1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ**

1. Тартиби ташкил ва барҳам додани фаъолияти касбии ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда, гирифтани шаҳодатномаи табиби халқӣ, сертификати мутахассиси тибби халқӣ ва гузаштани таҷрибаомӯзӣ оид ба усули табиби халқӣ (минбаъд-**Тартиб**) мутобиқи моддаи 77, қисми 2 моддаи 79 ва қисми 2 моддаи 80 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон" таҳия гардида, тартиби ташкили фаъолияти касбии ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда, инчунин гирифтани шаҳодатномаи табиби халқӣ, сертификати мутахассиси тибби халқӣ ва гузаштани таҷрибаомӯзӣ оид ба усули табиби халқиро ба танзим медарорад.
2. Тибби халқӣ усулҳои солимгардонӣ мебошад, ки дар асоси таҷрибаи мардумӣ муқаррар гардида, бо истифодаи дониш, малака ва малакаҳои амалии арзёбӣ ва барқарорсозии саломатӣ асос ёфтааст.
3. Ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда дар фаъолияти худ Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории амалкунанда, дигар санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Тартиби мазкурро ба роҳбарӣ мегиранд.
4. Фаъолияти касбии ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда дар асоси принсипҳои нигаронидани таваҷҷуҳ ба бемор, бехатарӣ, дастрас будани кумаки тибби халқӣ, мунтазам баланд бардоштани сифати кумаки тибби халқӣ, таъмини бехатарии санитарию эпидемиологӣ, самаранокӣ ва таъсирбахшӣ ба амал бароварда мешавад.

**2. ТАРТИБИ ТАШКИЛ ВА БАРҲАМ ДОДАНИ ФАЪОЛИЯТИ КАСБИИ ТАШКИЛОТҲО ВА ШАХСОНИ ВОҚЕИИ БА ТИББИ ХАЛҚӢ МАШҒУЛБУДА**

5. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии ба тибби халқӣ машғулбуда тибқи тартиби муқараргардидаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" бояд аз қайди давлатӣ гузаранд.
6. Ташкилотҳо, ки дар ҳуҷҷатҳои таъсисии онҳо оид ба фаъолияти тибби халқӣ қайд шудааст, барои гирифтани иҷозатнома ба комиссияи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иҷозатномадиҳии фаъолияти хусусии тиббӣ тариқи хаттӣ ва ё электронӣ муроҷиат менамояд.
7. Аз ҷониби ташкилотҳои бо хизматрасонии тибби халқӣ машғулбуда барои фаъолият дар самти мазкур на камтар аз 3 нафар ҷалби шахсони дорои шаҳодатномаи тибби халқӣ ва сертификат оид ба усули тиббӣ халқӣ ҳатмӣ мебошад.
8. Ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда дар бино (ҳуҷра)-ҳои ба таври махсус муҷаҳҳазшуда, ки ба талаботи қоидаҳои санитарию эпидемиологӣ мутобиқат мекунанд, ба беморон хизматрасонии тиббии халқиро тибқи номгӯи бемориҳое, ки нисбат ба онҳо кумакҳои тиббии халқӣ расонида мешавад, ки бо фармоиши вазири тандурустӣ ва хифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 феврали соли 2021, №163 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 марти соли 2021, №1068 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст, мерасонанд.
9. Ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ бояд ҳуҷҷатгузории тиббиро тибқи тартиби муайяннамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монанд (фармоиши вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 3 октябри соли соли 2015, № 840).
10. Ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда ҳисоботи омории соҳавиро тибқи шаклҳои муқаррарнамуда ва мухлатҳои муайяннамудаи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мемонанд (фармоиши вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ аз 3 октябри соли соли 2015, № 840).
11. Шахсони ҳуқуқӣ бо риояи тартибу талаботҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи талаботи Тартиби мазкур мутобиқи зарурат ва бе маҳдудият метавонанд мутахассисони соҳавиро ба кор ҷалб намоянд.
12. Шахсони воқеӣ бо риояи тартибу талаботҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тибқи талаботи Тартиби мазкур танҳо худашон бидуни ҷалби шахси дигар бояд фаъолият намоянд.
13. Қатъ намудани фаъолияти ташкилотҳо ва шахсони воқеии ба тибби халқӣ машғулбуда бо риояи тартиби Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва дигар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад.

**3. ТАРТИБИ ГИРИФТАНИ ШАҲОДАТНОМАИ ТАБИБИ ХАЛҚӢ**

14. Шахсоне, ки барои гирифтани шаҳодатномаи тиббӣ халқӣ хоҳиши таҳсил карданро доранд (минбаъд Дархосткунанда), бо ариза (замимаи 1 Тартиби мазкур) ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зерин муроҷиат менамоянд:

- нусхаи шиноснома;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот (аттестат, диплом, шаҳодатнома ва ғайра);
- маълумотнома аз диспансери наркологӣ;
- маълумотнома аз диспансери психоневрологӣ;
- маълумотнома дар бораи набудани ВНМО (барои шахсоне, таҳсилотӣ самти шулукдармонӣ, сӯзандармонӣ ва хунгирӣ);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- акс бо андозаи 3х4 см (2 адад);
- расид оид ба пардохти маблағи таҳсилот.

15. Дида баромадани ҳуҷҷатҳои Дархосткунанда аз тарафи комиссияи доимоамоалкунандаи Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Комиссияи доимоамалкунанда) амалӣ карда мешавад.

16. Ҳайати Комиссияи доимоамалкунанда бо фармоиши роҳбари ташкилот дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

17. Комиссияи доимоамалкунанда фаъолияти худро дар асоси низомнома, ки аз тарафи роҳбари ташкилот дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, амалӣ менамояд.

18. Ҳуҷҷатҳои Дархосткунанда аз тарафи Комиссияи доимоамалкунанда баррасӣ шуда, оид ба қабул ва ё рад гардидани онҳо дар давоми то 30 рӯз қарор қабул карда, ба Дархосткунанда хаттӣ ва ё тариқи почтаи электронӣ расонида мешавад.

19. Таҳсили Дархосткунанда танҳо дар ташкилотҳои дорои иҷозатнома оид ба омӯзиши касбӣ дар соҳаи тибби халқӣ ва тибқи барномаҳои ихтисосгирии аввалияи усулҳои тибби халқӣ, ки дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, гузаронида мешавад.

20. Номгӯйи усул, талабот ва муҳлати таҳсил аз ҷониби Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд.

21. Барои омода намудани Дархосткунанда таҳсилот дар самтҳои зерин гузаронида мешавад:
- асосҳои қонунгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ;
- омодагии назариявӣ оид ба усули тиббӣ халқӣ, малакаи клиникӣ (пешгирӣ, ташхис, табобати бемориҳо аз рӯйи самтҳои интихобшудаи услубҳои тибби ҳалқӣ).

22. Нархномаи таҳсилот аз ҷониби Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ" тартиб дода шуда, дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад. Пардохт барои таҳсилот вобаста аз усули интихобшуда ва муҳлати он муқаррар карда мешавад.

23. Ба Дархосткунанда таҳсилоти навбатии назариявӣ ва малакаҳои клиникӣ дар самти тибби халқӣ танҳо баъд аз 6 моҳи гирифтани шаходатномаи табиби халқӣ иҷозат дода мешавад. Таҳсилоти навбатӣ низ пулакӣ мебошад.

24. Баъд аз ба итмом расидани давраи назариявии таҳсилот бо роҳи санҷиши тестӣ ва баҳогузорӣ натиҷагирӣ карда мешавад. Санҷиши тестӣ аз ҷониби комиссияи санҷишии Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд Комиссияи санҷишӣ) гузаронида мешавад. Тести санҷишӣ аз ҷониби Комиссияи санҷишӣ тартиб дода шуда, раиси Комиссияи санҷишӣ онро тасдиқ менамояд.

25. Натиҷаи санҷиши тестии давраи назариявии омӯзиш аз ҷониби Комиссияи санҷишӣ мувофиқи калиди ҷавоб ба саволҳо баҳогузорӣ карда мешаванд. Нишондодҳои натиҷаи тестҳоро миқдоран ва фоизан дар варақаи тестӣ дарҷ намуда, бо имзои аъзои Комиссияи санҷишӣ тасдиқ карда мешавад.

26. Дар ҳолати пешниҳоди 70% ва ё зиёда аз он ҷавобҳои дуруст аз ҷониби Дархосткунанда ба саволҳои тестӣ курси назариявӣ супорида ҳисобида мешавад.

27. Дар ҳолати пешниҳоди Дархосткунанда камтар аз 70% ҷавобҳои дуруст ба саволҳои тестӣ курси назариявӣ насупорида ҳисобида мешавад.

28. Муроҷиати хаттии Дархосткунанда, ки курси назариявӣ он насупорида ҳисобида шудааст, дар муҳлати 5 рӯз баррасӣ шуда, Комиссияи санҷишӣ дар ҳолати кифоя будани далелҳо санҷиши тестии такрориро таъин менамояд. Баъди қабули қарор аз ҷониби Комиссияи санҷишӣ дар муддати 5 рӯз санҷиши тестии такрорӣ гузаронида мешавад.

29. Омӯзиши малакаи клиникии Дархосткунанда дар воҳидҳои сохтории ташкилотҳое, ки номгӯйи онҳоро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, амалӣ карда мешавад.

30. Ташкил, банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии гузаронидани омӯзиши клиникии Дархосткунанда ба зиммаи Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузошта мешавад.

31. Дархосткунанда ба табиб вобаста шуда, таҳти роҳбарии он малакаҳои клиникиро дар соҳаи тибби ҳалқӣ мегузарад.

32. Ҳангоми баҳогузории самарабахши ташхис ва муолиҷа духтури вобасташуда натиҷаҳои умумии объективӣ ва субъективии клиникиро бо натиҷаи ташхис ва муолиҷаи Дархосткунанда муқоиса менамояд.

33. Табиби вобасташуда, ки дар зери назорати ӯ Дархосткунанда курсҳои малакаи клиникиро мегузарад, барои омӯзонидани Дархосткунанда ҷиҳати дуруст пур кардани ҳуҷҷатҳои зерин масъул мебошад:
- дафтари бақайдгирии беморон тибқи замимаи 2 Тартиби мазкур;

- корти бемор тибқи замимаи 3 Тартиби мазкур, ки дар он маълумот оид ба бемор, ном, насаб, синну сол, суроға, ташхиси тиббӣ, нусхабардорӣ аз таърихи беморӣ, нишонаҳои бемор ҳангоми муроҷиат, таъиноти ташхиси иловагӣ, усули тиббӣ халқӣ, ки бо ёрии он муолиҷа гузаронида мешавад, ташхиси санҷишӣ, фикру мулоҳизаҳо ва хоҳиши бемор ва хулосаи табиби вобасташуда оид ба самаранокии ташхис ва муолиҷа;
- ҳисобот оид ба малакаи клиникӣ.
34. Интихоби беморон барои омӯзиши малакаи клиникии Дархосткунанда бо тариқи зайл ва риоя намудани шартҳои зерин сурат мегирад:
- вуҷуд доштани бемориҳои шадид ва музмин (дар сурати вуҷуд надоштани хатар ба ҳаёти бемор);
- вуҷуд доштани қобилияти дуруст муайян намудани вазъи саломатии худ;
- баҳогузории клиникӣ ва озмоишгоҳии раванди беморӣ;
- розигии хатии бемор барои муолиҷа баъди шиносшавӣ бо усулҳои ташхис ва муолиҷа.
35. Гурӯҳи беморон дар шумораи на камтар аз 5 нафар бо як намуди беморӣ интихоб карда мешаванд.
36. Дар давоми табобати бемор табиби вобасташуда усулҳои ташхис ва муолиҷаро тасдиқ намуда, Дархосткунанда онро истифода менамояд.
37. Баъди ба итмом расидани омӯзиши малакаи клиникӣ табиби вобасташуда ҳисобот пешниҳод менамояд, ки дар он малакаи клиникии Дархосткунанда баҳогузорӣ карда мешавад. Ҳисобот аз тарафи роҳбари ташкилоте, ки дар он омӯзиш гузаронида шудааст, омода ва барои баррасӣ ба Комиссияи доимоамалкунанда пешниҳод мегардад.
38. Агар самарабахшии ташхис ва муолиҷаи Дархосткунанда 70 % ва зиёда аз он тартиб диҳад, дар он сурат натиҷа мусбат арзёбӣ мегардад.
39. Дархосткунандае, ки самарабахшии ташхис ва муолиҷа аз 70 % камтар бошад, аз курси бахши клиникӣ намегузарад.
40. Дархосткунандаҳое, ки имтиҳони тестӣ ва малакаи клиникиро бо муваффақият супориданд ва ба натиҷаи нишондодашуда ноил шудаанд, дар асоси қарори Комиссияи доимоамалкунада дорои шаҳодатномаи табиби халқӣ мегарданд (замимаҳои 4 ва 5 Тартиби мазкур).
41. Шаҳодатномаи табиби халқӣ бо гузоштани имзо аз ҷониби раиси Комиссияи доимоамалкунанда, котиби комиссия ва муҳр тасдиқ карда мешавад. Шаҳодатномаи табиби халқӣ дар дафтари бақайдгирии шаҳодатнома табиби халқӣ тибқи замимаи 6 Тартиби мазкур, ба қайд гирифта мешавад.
42. Шахсони дорои шаҳодатномаи табиби халқӣ барои машғул шудан ба фаъолияти тибби халқӣ танҳо пас аз гирифтани сертификати мутахассиси тибби халқӣ роҳ дода мешаванд.

## 4. ТАРТИБИ ГИРИФТАНИ СЕРТИФИКАТИ МУТАХАССИСИ ТИББИ ХАЛҚӢ

43. Дархосткунанда барои бори аввал гирифтани сертификати мутахассиси тибби халқӣ ба Комиссияи доимоамалкунанда бо ариза (замимаи 7 Тартиби мазкур), замимаи ҳуҷҷатҳои дар банди 14 Тартиби мазкур ва нусхаи шаҳодатномаи табиби халқӣ муроҷиат менамояд. Ҳангоми муроҷиати навбатӣ барои гирифтани сертификати мутахассиси тибби халқӣ (баъди 5 соли фаъолият) Дархосткунанда дар баробари пешниҳоди ҳуҷҷатҳои болозикр ҳамзамон шаходатнома оид ба гузаштани таҷрибаомӯзиро низ ба Комиссияи доимоамалкунанда бо ариза пешниҳод менамояд.
44. Аризаи корманди тиббӣ дар мӯҳлати як моҳ аз ҷониби Комиссия баррасӣ карда мешавад.
45. Дар ҳолати муайян шудани номувофиқии ҳуҷҷатҳои ба ариза замимашуда ба талаботи муқаррарнамудаи Тартиби мазкур Комиссияи доимоамалкунанда ариза ва ҳуҷҷатҳоро бо зикри номувофиқатӣ дар мактуб қайд намуда, ба дархосткунанда бармегардонад.
46. Баъди супоридани имтиҳон Комиссияи доимоамалкунанда дар бораи додан ё надодани сертификати мутахассиси тибби халқӣ ба шахси имтиҳонсупоранда дар муҳлати 3 рӯз қарор қабул менамояд.
47. Шахси имтиҳонсупоранда дар сурати розӣ набудан ба хулосаи Комиссияи доимоамалкунанда ҳуқуқ дорад ба Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба фаъолияти Комиссия шикоят намояд.
48. Сертификати мутахассиси тибби халқӣ дар шакли муқарраршуда (замимаи 8 Тартиби мазкур) ба муҳлати на камтар аз 5 сол аз рӯзи қабул намудани қарори Комиссия оид ба додани он ба корманди тибб баъди бомуваффақият супоридани имтиҳони тахассусӣ дода мешавад. 49. Дорандаи сертификати мутахассиси тибби халқӣ метавонад дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти тибби халқӣ машғул шавад.
50. Дорандаи сертификати мутахассиси тибби халқӣ дар сурати баъди 5 соли фаъолият намудан дар соҳа ва гузаштан аз аттестатсияи давлатӣ (тибқи Тартиби аз аттестатсия гузаронидани шахсоне, ки ба фаъолияти тибби халқӣ машғуланд, ки бо фармоиши вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 июни соли 2021, №486 тасдиқ гардида, дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 14 декабри соли 2021, №1106 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст) метавонад фаъолияти худро идома диҳад ё сертификати нав гирад. Шаҳодатномаи табиби халқӣ ва сертификати мутахассиси тибби халқӣ дар сурати баъди зиёда аз 6 моҳи гирифтани он, нагирифтани иҷозатнома ё нагузаштан аз аттестатсияи давлатӣ аз эътибор соқит дониста мешавад (тибқи қисми 2 моддаи 79 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон).
51. Шахсоне, ки сертификати мутахассиси тибби халқиро гирифта, бо ягон сабаб зиёда аз се сол аз рӯйи ихтисоси дар он қайдшуда ба фаъолияти тибби халқӣ машғул нашудаанд, ба фаъолияти тибби халқӣ роҳ дода намешаванд.

## 5. ТАРТИБИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ВА ТАСДИҚ НАМУДАНИ УСУЛИ ТАБИБИ ХАЛҚӢ

52. Шахсони дорои шаҳодатномаи табиби халқӣ ва сертификати мутахассиси тибби халқӣ, ки аз рӯйи усули худ зиёда аз се сол кор накардаанд, ба фаъолияти табиби халқӣ танҳо баъди таҷрибаомӯзӣ ва тасдиқ намудани усули худ ба фаъолият иҷозат дода мешаванд.

53. Табиби халқӣ, ки тибқи тартибу талаботҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба фаъолияти тибби халқӣ машғул мебошад, уҳдадор аст, ки баъд аз 5 соли фаъолият аз курси таҷрибаомӯзӣ тибқи тартиби мазкур гузарад.
54. Барои гузаштани таҷрибаомӯзӣ ва тасдиқ намудани усули табиби халқӣ ҳуҷҷатҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:
- ариза бо нишон додани усули тибби халқӣ, ки дар шаҳодатномаи табиби халқии таҷрибаомӯз дарҷ гардидааст (замимаи 9 Тартиби мазкур);
- нусхаи шиноснома;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ;
- маълумотнома дар бораи набудани бемории ВНМО (барои шахсоне, ки таҳсилотро бо усули шуллукдармонӣ, сӯзандармонӣ ва хунгирӣ гирифтаанд);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо оид ба таҳсилот (аттестат, шаҳодатнома, диплом ва ғайра);
- акс бо андозаи 3х4 см (ду дона).
55. Ҳуҷҷатҳои таҷрибаомӯз аз тарафи Комиссияи доимоамалкунандаи назди Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегардад ва қарор дар бораи қабул ва ё асоснок рад кардан дар давоми 10 рӯзи корӣ ба маълумоти таҷрибаомӯз расонида мешавад.

**6. ТАШКИЛИ ТАҶРИБАОМӮЗӢ ОИД БА УСУЛИ ТАБИБИ ХАЛҚӢ**

56. Таҷрибаомӯзӣ оид ба усули табиби халқӣ дар заминаи таълимии Корхонаи воҳиди давлатии "Маркази ҷумҳуриявии тибби халқӣ"-и Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи барномаҳое, ки бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа ва аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудаанд ва бо ҷалби омӯзгорон ва мутахассисони соҳавӣ сурат мегирад.
57. Барномаи таълимии таҷрибаомӯзӣ инҳоро дар бар мегирад:
- қисми назариявӣ - 88 соати таълимӣ;
- омӯзиши клиникӣ - 38 соати таълимӣ.
58. Машқҳои қисми назариявӣ аз рӯйи усули интихобкарда ҳар рӯз дар рӯзномаи таълимӣ сабт карда мешавад.

**7. ТАШКИЛИ ОМӮЗИШИ КЛИНИКИИ ТАҶРИБАОМӮЗИИ ТАБИБИ ХАЛҚӢ**

59. Ба ҳар як таҷрибаомӯз табиб вобаста карда мешавад, ки таҳти роҳбарии ӯ омӯзиши клиникиро дар соҳаи тибби халқӣ мегузаронад.
60. Ҳангоми баҳогузории самарабахшии ташхис ва муолиҷа табиби вобасташуда натиҷаҳои объективӣ ва субъективии клиникиро бо ташхис ва муолиҷаи таҷрибаомӯз муқоиса менамояд.
61. Табибе, ки зери тобеъияти ӯ таҷрибаомӯз омӯзиши клиникиро мегузарад, барои таҳияи ҳуҷҷатҳои зерин масъул мебошад:
- дафтари бақайдгирии беморон (замимаи 2 Тартиби мазкур);
- корти бемор (замимаи 3 Тартиби мазкур), ки дар он маълумот оид ба бемор, ном, насаб, синну сол, суроға, ташхиси табиби соҳавӣ, нусхабардорӣ аз таърихи бемор, нишонаҳои бемор дар ҳолати муроҷиат, таъиноти ташхиси иловагӣ, усулҳои табиби халқӣ, ки бо ёрии он муолиҷа гузаронида мешавад, ташхиси санҷишӣ, фикру мулоҳизаҳо ва хоҳиши бемор ва хулосаи табиби вобасташуда оид ба самаранокии ташхис ва муолиҷаи табиби халқӣ;
- ҳисобот оиди малакаи клиникӣ.
62. Таҷрибаомӯз аз натиҷаи таҷрибаомӯзии вобаста ба қисми назариявӣ тибқи саволномаи аз тарафи комиссия пешниҳодшуда имтиҳон дар шакли тест месупорад. Вобаста ба омӯзиши клиникӣ дар назди комиссия малакаи клиникии худро дар амал нишон медиҳад.
63. Ба таҷрибаомӯзе, ки таҷрибаомӯзиро бо муваффақият гузашта, донишҳои назариявӣ ва малакаи клиники ӯро комиссия мусбат баҳо додааст ва ба натиҷаи нишондодашуда ноил шудаанд, дорои Гувоҳномаи таҷрибаомӯзӣ оид ба усули табиби халқӣ (замимаи 10 Тартиби мазкур) мешаванд, ки бо қарори Комиссия доимамалкунада қабул шудааст (замимаи 11 Тартиби мазкур).
64. Гувоҳномаи таҷрибаомӯзӣ оид ба усули табиби халқӣ бо гузоштани имзо аз ҷониби раиси Комиссияи доимамалкунанда, котиби комиссия ва мӯҳр тасдиқ карда мешавад. Гувоҳнома дар "Дафтари бақайдгирии додани гувоҳномаи таҷрибаомӯзӣ оид ба услуби табиби халқӣ" (замимаи 12 Тартиби мазкур) ба қайд гирифта мешавад.

**8. ҶАВОБГАРӢ БАРОИ ИҶРО НАКАРДАНИ ТАЛАБОТИ ТАРТИБИ МАЗКУР**

65. Барои вайрон кардани Тартиби мазкур шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.